**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________**
**«06» апрели соли 2025**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Аминзода Зокирҷон Тоҳир унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Аминзода Зокирҷон Тоҳир соли 1992 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро бо дипломи муқарарӣ соли 1998 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз аз соли 2013 то соли 2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи хукуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19 декабри соли 2021 №51 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2013 №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 23 январи соли 2021, № 13 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04 апрели соли 2025 №8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2020-2025» алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 7 ададиони онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами асосҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо муайян мегардад. Дар доираи таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии қоидаи махсуси таъини ҷазо ҳангоми ҷой доштани маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар доираи он таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти судӣ истифода шаванд. Ин хулоса ва тавсияҳо метавонанд дар раванди таҳия ва қабул кардани қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмил додани онҳо дар самти мазкур мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ»

мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки ба баррасии масъалаҳои таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҳукмҳо бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Вобаста ба талаботи дар қ.1 м.4 КҶ ҶТ муайяншудаи принсипи қонуният зарур аст, ки муқаррароти дар қ.6 м.310 КМҶ ҶТ мустаҳакам гардида ба КҶ ҶТ дар таҳрири зерин дохил карда шавад:

«Моддаи 64[1] Таъини ҷазо ҳангоми бо тартиби соддакардашудаи тафтишотӣ судӣ баррасӣ гардидани парванда

Ҳангоми бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ баррасӣ гардидани парванда ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи муҳлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад»

2. Дар қ. 2 м. 69 КҶ ҶТ сухан оид ба тарзи махсуси таъин намудани ҷазо, яъне тарзи мустақилона таъин шудан ва иҷро гардидани ҷазоҳое меравад, ки аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо таъин шудаанд, вале дар он нишондод оид ба таносуби ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум сохтан аз рутбаи махсус, рутбаи ҳарбӣ, рутбаи дараҷавӣ ва мукофотҳои давлатӣ, инчунин мусодираи молу мулк бо ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ҷой надорад. Барои бартараф намудани чунин ҳолат ки мумкин аст, ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо пайдо шавад, пешниҳод мегардад, ки қисми 2 м.69 КҶ ҶТ чунин тағйир

дода шавад: «Ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум сохтан аз рутбаи махсус, рутбаи ҳарбӣ, рутбаи дараҷавӣ ва мукофотҳои давлатӣ, инчунин мусодираи молу мулк ҳангоми бо корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра аз озоди маҳрум сохтан ва ҷазои қатл зам шуданашон мустақилона иҷро мешаванд».

3. Қисми 5 м. 68 КҶ ҶТ дар мазмуни зерин тағйир дода шавад:

«Ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо бояд ҳам аз ҷазои барои содир намудани ҷинояти нав таъиншуда ва ҳам аз қисми то охир адонашудаи ҷазо аз рӯйи ҳукми пештараи суд зиёдтар бошад, ба ғайр аз ҳолатҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар».

4. Аз рӯйи мазмун қ.6 м. 68 КҶ ҶТ ислоҳталаб мебошад, зеро дар он сухан танҳо оид ба тартиби ба ҷазои асосӣ ҳамроҳ кардани ҷазои иловагии аз рӯйи ҳукми пештара иҷронашуда рафта, тартиби ҳамроҳ гардидани худи ҷазоҳои иловагӣ, ки ҳам бо ҳукми пештара ва ҳам бо ҳукми нав таъин шудаанд, аз назар дур мондааст. Ғайр аз ин, дар қ.5 м.67 КҶ ҶТ на фақат қоидаҳои ба ҷазои асосӣ ҳамроҳ намудани ҷазои иловагӣ, балки ба ҳам ҳамроҳ гаштани онҳо низ муқаррар шудааст.

Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3, 93 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Камолов, З.А., Аминов, З.Т. Цели наказания [Матн] / З.А. Камолов, З.Т. Аминов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. – №1 (62-1). – С. 139-145; ISSN 2219-5408.

**[2-М].** Аминов, З.Т. Общие начала назначения наказания и особенности их применения при осуждении по совокупности преступлений [Матн] / З.Т. Аминов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №2/9. – С. 229-233; ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Аминов, З.Т. Совершенствование правил назначения наказания по совокупности приговоров [Матн] / З.Т. Аминов // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2018. – №4 (28). – С. 134-139; ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Аминзода, З.Т. Замкунии намудҳои гуногуни ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо [Матн] / З.Т. Аминзода // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 126-129; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Аминзода, З.Т. Ба назар гирифтани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда ҳангоми таъини ҷазо [Матн] / З.Т. Аминзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4/2 (49). – С. 207-211; ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Камолов, З.А., Сатторов, Ғ.С., Аминзода, З.Т. Сершуморагии ҷиноятҳо: мафҳум ва шаклҳои он [Матн] / З.А. Камолов, Ғ.С. Сатторов, З.Т. Аминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №2 (22). – С. 170-181; ISSN 2414 9217.

**[7-М].** Шарипов, Т.Ш., Аминзода, З.Т. Тарзҳои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо [Матн] / Т.Ш. Шарипов, З.Т. Аминзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №4 (48). – С. 93-98; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8-М].** Аминзода, З.Т. Определение неотбытой части наказания, назначенного по предыдущему приговору [Текст] / З.Т. Аминзода // VI Международная студенческая научно-практическая конференция «Актуальные вопросы юриспруденции» (Душанбе, 26 апреля 2019 г.). Сборник докладов. Часть 2. – С. 8-12.

**[9-М].** Аминзода, З.Т. Тартиби татбиқи тарзи қисман зам намудани ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо [Матн] / З.Т. Аминзода // Маводи VIII-умин конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Низоми миллии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: омӯзиши ҷараён ва омилҳои рушд» (Донишгоҳи славянии Руссия-Тоҷикистон. – Душанбе, 30 октябри соли 2020). – С. 245-250.

**[10-М].** Аминзода З.Т. Баъзе аз масалаҳои муайян намудани қисми адонашудаи ҷазо аз рӯи ҳукми пештара ҳангоми таъини ҷазо аз рӯи маҷмуи ҳукмҳо / З.Т. Аминзода // Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир: маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) 27-28 декабри соли 2022 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Кудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023.– С. 339-342.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Аминзода Зокирҷон Тоҳир дар мавзуи «Таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо: масоили назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 04 апрели соли 2025, №8.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, н.и.ҳ., дотсент** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Насриддинзода С.Н.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Насриддинзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«04» апрели 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj